# СЕМИНАРИ ОМӮЗИШӢ ОИД БА ТАТБИҚИ ҲАДАФҲОИ БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ

14 сентябри соли 2026 дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Гулистон тибқи нақшаи чорабиниҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон семинари омӯзишӣ дар мавзуи «Самтҳои татбиқи Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои солҳои 2020–2040» баргузор гардид. Дар кори семинар Пӯлодова Гулсара, мудири шуъбаи фанҳои табиӣ, риёзӣ ва технологияи иттилоотӣ, стандарту барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, дар мавзуи «Аҳамияти рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар рақамикунонии соҳаи маориф» маърӯза намуд. Пӯлодова Гулсара зимни маърӯза таъкид кард, ки дар шароити рушди босуръати илму техника ва рақамикунонии ҷомеа баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аҳаммияти стратегӣ касб намуда, барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури мантиқию техникӣ ва омода намудани насли ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир замина мегузорад. Дар робита ба ин, мавсуф ба суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истинод намуда, таъкид кард, ки: «Имрӯз бе илму инноватсия, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузошта намешавад». Пӯлодова Гулсара дар идомаи маърӯза зикр намуд, ки ин таъкиди Пешвои миллат зарурати тақвияти омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, захираҳои рақамии таълимӣ ва усулҳои муосири педагогиро дар раванди таълим боз ҳам муҳим мегардонад. Ҳамчунин, масъалаҳои такмили маҳорати касбии омӯзгорон, истифодаи усулҳои фаъолу интерактивии таълим, татбиқи стандарту барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати китобҳои дарсӣ ва тақвияти фаъолияти амалию таҷрибавии хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Сипас, Назирзода Меҳрангез, мушовири кабинети методии шуъбаи маорифи шаҳри Гулистон, ба масъалаи такмили фаъолияти методии омӯзгорон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, рушди тафаккури мантиқӣ, таҳлилӣ ва эҷодии хонандагон, тақвияти корҳои амалию таҷрибавӣ ва пайванди донишҳои назариявӣ бо амалияро аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани самаранокии таълим арзёбӣ намуд.

Инчунин, Ҳакимова Муҳаббат, директори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Гулистон, баргузории чунин семинарҳои омӯзиширо барои такмили фаъолияти касбию методии омӯзгорон муҳим арзёбӣ намуда, таъкид кард, ки баланд бардоштани сифати таълими фанҳои дақиқ аз омӯзгори эҷодкор, истифодаи технологияҳои муосир ва ташаккули шавқу рағбати хонандагон ба омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзӣ вобастагии амиқ дорад. Дар кори семинар омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Гулистон иштирок намуда, доир ба мушкилоти мавҷудаи таълими фанҳо, имкониятҳои технологияҳои рақамӣ, роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим ва истифодаи таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ мубодилаи афкор намуданд. Дар фарҷом ҷиҳати татбиқи самараноки ҳадафҳои Бистсола, такмили пайвастаи маҳорати касбии омӯзгорон, истифодаи мақсадноки технологияҳои муосир ва тақвияти сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ тавсияҳои методӣ пешниҳод гардиданд. Семинар дар фазои созанда ва ҳамкории касбӣ баргузор гардида, барои табодули таҷриба, такмили омодагии методии омӯзгорон ва татбиқи амалии ҳадафҳои Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ заминаи мусоид фароҳам овард.








ЗАБОНИ МАН - ҶАҲОН

